Протоколи № 11
Маҷлиси васеи Шурои олимони факултети филологияи руси
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

аз “23”-юми июни соли 2022 ш.Душанбе

**Иштирок доштанд:** 11 нафар аъзои Шурои олимони факултети филологияи руси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва шахсони даъватшуда иборат аз 2 нафар иштирок доштанд. Пешниҳод шуд, ки маҷлис кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона рӯзнома қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:**

1. Баррасии диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).

Саравал раиси ҷаласа н.и.ф., дотсент Джамирова Л.И. ҷаласаро ҳусни оғоз бахшида, ҷиҳати баррасии диссертатсияи мазкур суханро ба унвонҷӯ барои баёни нуктаҳои асосии таҳқиқот дод.

Унвонҷӯ М.Раҷабзода бо маъруза дар бораи мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ баромад намуд. Сипас, саволу ҷавоб шуруъ гардид.

Муқарризони холис д.и.п., профессор Мухаметов Г.Б. ва д.и.п., профессор Шербоев С. баромад намуданд. Онҳо тавассути тақризи худ таҳқиқоти диссертатсионии М.Раҷабзодаро мусбат арзёбӣ намуданд.

Ҷаласаи Шурои олимони факултети филологияи руси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пас аз баррасии масъалаи мазкур ва дар асоси фикру андешаҳои баёнгардида,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва

таҳсилот (илмҳои педагогӣ) кори илмии анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 47, 48, 49, 50, 51-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои дифоъ ба шӯрои муштараки диссертатсионии 6D.KOA-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд: якдилона**

Раиси маҷлис: Джамирова Л.И.

Котиби маҷлис: Хоҷатов Б.Д.

Тасдиқ мекунам,
мудири шуъбаи кадрҳои
ДДЗТ ба номи С.Улуғзода
«23» июни соли 2022 Наҷмуддинов Ш. М.

ДОНИШКАДАИ ... ТОҶИКИСТОН БА НОМИ С. УЛУҒЗОДА
ШУЪБАИ КАДРҲО